Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 014
назди Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон (734067, ш. Душанбе,
кӯчаи Нахимов 64/14)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Исҳоқӣ Дилшод Илҳом дар мавзуи “Мукаммалгардонии амалиётҳои рақамии бонкӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

Дар шароити рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳз ташкилотҳои қарзӣ нақши асосиро дар пешбурд ва татбиқи сиёсати рақамикунонӣ мебозанд. Ташкилотҳои қарзӣ яке аз аввалинҳо шуда амалиётҳои рақамиро дар низоми бонкӣ ворид намуданд ва сол аз сол номгӯ ва шумораи ин хизматрасониҳо зиёд шуда истодаанд.

Дар айни замон рушди босуръати низоми бонкии ватанӣ ба назар мерасад. Суръати баланди рушди низоми бонкӣ, аз як тараф, натиҷаи рушди умумии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз тарафи дигар, фароҳамшавии имкониятҳои нав аз ҳисоби татбиқи босуръати навовариҳои технологӣ ва рақамикунонии амалиётҳои бонкӣ ба шумор меравад.

Инчунин, мубрамияти мавзуи диссертатсия аз суръати пасти рақамикунонии равандҳо дар иқтисодиёт бар меояд, ки он ба низоми бонкӣ таъсири манфӣ мерасонад. Бо муаллиф ҳамфикр ҳастем, ки инфрасохтори номукаммал, суръати паст ва гаронии интернет, мушкилотҳо бо таъмини барқ дар фасли сармо – ҳамаи инҳо ба рушди амалиётҳои рақамии бонкӣ халал мерасонанд. Камбудиҳо дар низоми бонкӣ низ вуҷуд доранд, ки ба норасоии кадрҳои технологияҳои иттилоотӣ, барномаҳо ва таҷҳизоти зарурӣ, инчунин таҷрибаи роҳбарон дар масъалаҳои рақамикунонӣ вобастагӣ доранд.

Ҳолати кунунии инфрасохтори ташкилотҳои қарзӣ барои амалӣ намудани амалиётҳои рақамии бонкӣ муфассал таҳлил шуда, хулосабардорӣ

дар асоси ин таҳлилҳо ва пешниҳоди роҳи ҳалли мушкилотҳои ҷойдошта асоснок карда шудаанд.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ, дар автореферат чунин камбудӣ аз тарафи дида шуд. Хуб мешуд, агар муаллиф муаълумот оид ба ҳолати “Ҳуққумати электронӣ” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷойгир менамуд.

Бояд қайд намоем, ки норасоии қайдшуда характери тавсиявӣ дошта қиммати таҳқиқотро паст намекунад.

Дар умум, автореферати диссертатсияи Исҳоқӣ Дилшод Илҳом дар мавзуи “Мукаммалгардонии амалиётҳои рақамии бонкӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, ба талаботҳои Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

Директори Институти иқтисодиёт ва демографияи
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
доктори илмҳои иқтисодӣ, Бобозода К.О.

Имзои Бобозода К.О. - ро тасдиқ менамоям.

Инспектори калони шуъбаи кадрҳои
Институти иқтисодиёт ва демографияи
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
номзади илмҳои иқтисодӣ, Аюби Ф.

«____» ________________ соли 2025

Суроға: 734024, ш. Душанбе, кӯчаи Мирзо Ризо 6А,
Тел: +992 (37) 221-67-50
E-mail: info@ied.tj